2188 - Вақти намоз фаро расид, дар ҳоле ки ӯ дар хонаи як насронӣ қарор дошт

савол

Баъзан вақти намоз фаро мерасад, дар ҳоле ки ман дар хонаи яке аз насрониён қарор дорам. Дар чунин ҳолат, ҷойнамози шахсии худро гирифта, дар ҳузури онҳо намоз мегузорам. Оё намози ман дуруст аст, дар сурате ки онро дар хонаи яке аз онҳо адо мекунам?

Ҷавоби муфассал

Бале, намози шумо дуруст аст. Аллоҳ таъоло шавқу рағбати шуморо ба тоати хеш, бахусус дар адои панҷ вақт намоз дар вақташон, боз ҳам бештар гардонад! Ҳамчунин, бар шумо воҷиб аст, ки то ҳадди имкон намозҳоро бо ҷамоат адо кунед ва масҷидҳоро обод созед.